**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 9**

**аз 18 ноябри соли 2013** **шаҳри Душанбе**

## Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд

Мутобиқи қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, шаҳрванд, таъмини манфиатҳои қонунии ҷомеа ва давлат санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нақши муҳим мебозанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори иҷрои бечунучарои шартномаҳои байналмилалӣ буда, пуштибонии худро ба принсипи иҷрои софдилонаи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ эълон намудааст.

Бо мақсади дар амалияи судӣ якхела ва дуруст татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф гардидаанд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д :**

1.Таваҷҷуҳи суд, судяҳо ва мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ ба он равона карда шавад, ки тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 14 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои чумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 19 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Мувофиқи талаботи қисми 2 моддаи 5, қисми 3 моддаи 10, моддаи 14 ва 57 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муайян кардаанд ва аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Таҳти мафҳуми санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳуҷҷатҳои расмие, фаҳмида мешавад, ки аз тарафи ҷомеаи байналмилалии давлатҳо дар маҷмӯъ ба сифати ухдадории ҳатмии ҳуқуқӣ қабул ва эътироф мегарданд. Ба онҳо, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаҳои махсуси он дохил мешаванд.

2. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии чумҳуриро ташкил медиҳанд, агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд (қисми 3 моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

Тибқи банди 1 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти мафҳуми шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон - шартномае, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаи байнидавлатӣ), Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (шартномаи байниҳукуматӣ) ва ё вазорат, кумитаи давлатӣ ё мақоми дигари идоракунии давлатӣ (шартномаи байниидоравӣ) бо розигии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ ё созмонҳои байналмилалӣ дар шакли хаттӣ баста шудааст, сарфи назар аз он ки чунин шартнома дар як ҳуҷҷат ва ё якчанд ҳуҷҷати ба ҳам алоқаманд зикр ёфтааст, фаҳмида мешаванд (масалан, шартнома, конвенсия, протокол, паймон ва ғайра).

3. Мутобиқи қисми 3 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» меъёрҳои расман интишоршудаи шартномаҳои байналмилалӣ, ки татбиқи онҳо қабули қонунҳоро талаб намекунад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита амал менамоянд. Барои амали меъёрҳои дигари шартномаҳои байналмилалӣ ҳангоми зарурат санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул карда мешаванд.

Ба ҳолатҳое, ки далели имконнопазирии татбиқи бевоситаи муқаррароти шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, аз ҷумла, нишондоди дар шартнома дарҷгардида оид ба ӯҳдадории ҳар як давлати иштирокчӣ ҷиҳати ба қонунгузории миллии худ ворид намудани тағйирот дохил мешаванд.

Ҳангоми аз тарафи суд баррасӣ намудани парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ меъёрҳои ҳамон шартномаи байналмилалӣ татбиқ мегардад, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст ва пас аз интишори расмӣ амал мекунад ва қабули санадҳои дохили давлатиро барои татбиқ намудан талаб намекунад.

4. Суд, судяҳо ҳангоми ҳалли масъала ҷиҳати имконияти татбиқи меъёрҳои шартномавии ҳуқуқи байналмилалӣ бояд муқаррароти Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 майи соли 1969, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 июни соли 1996 эътибори қонунӣ пайдо кардааст, ба инобат гиранд.

Тибқи талаботи моддаи 24 Конвенсияи зикргардида шартномаи байналмилалӣ бо тартиб ва дар санаи дар шартнома пешбинишуда ё байни иштирокчиёни гуфтушуниди давлатҳо мувофиқа гардида, эътибори қонунӣ мегирад. Дар сурати мавҷуд набудани чунин муқаррарот ё мувофиқа шартнома ҳамон замон эътибори қонунӣ пайдо мекунад, ки тамоми иштирокчиёни гуфтушуниди давлатҳо ризоияти худро бобати барояшон ҳатмӣ будани шартнома изҳор намоянд.

5. Суд, судяҳо, мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ бояд дар назар дошта бошанд, ки шартномаҳои байналмилалӣ дар сурате татбиқ мегардад, ки агар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахсияти мақомоти салоҳиятноки ҳокимияти давлатӣ ризоияти худро барои ҳатмӣ будани шартномаи байналмилалии мазкур ба воситаи яке аз амалҳое, ки дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номбар шудаанд (бо роҳи имзокунии шартнома, мубодилаи ҳуҷҷатҳо, ба тасвиб расонидани шартнома, ҳамроҳшавӣ ба шартнома ва дигар ҳолатҳое, ки тарафҳои аҳдбаста муайян карда бошанд) изҳор намуда бошад, инчунин дар ҳолате, ки шартномаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуда бошад. Масалан, Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 ноябри соли 1998 тасдиқ гардида, аз 4 апрели соли 1999 эътибори қонунӣ гирифтааст.

Аз мазмуни қисми 2 моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бармеояд, ки суд, судяҳо ва мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ метавонанд бевосита он шартномаҳои байналмилалии тасдиқшударо, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор пайдо кардаанд, ба ғайр аз шартномаҳои байниидоравӣ, ки дар «Маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар нашрияҳои расмии Маҷлиси

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда мешаванд, татбиқ намоянд.

Шартномаҳои байналмилалии байниидоравии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нашрияҳои расмии мақомоти дахлдор нашр карда мешаванд (сархати 2 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

6. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст амали мустақиман ва бевосита доранд ва аз ҷониби суд, судяҳо зимни баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ карда мешаванд, чунончӣ:

- ҳангоми баррасии парвандаҳои гражданӣ, агар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибу қоидаҳои дигарро нисбат ба қонунҳои моддии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда бошанд, ки матлаби муҳокимаи судӣ гардидаанд;

- мавриди баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ агар дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибу қоидаҳои дигари мурофиаи судӣ нисбат ба қонунгузории мурофиавии гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ё мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ гардида бошад;

- ҳангоми баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, агар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатеро, аз ҷумла муносибат бо шаҳрвандони хориҷӣ, ки предмети баҳси судӣ гардидааст, танзим намуда бошанд (масалан ҳангоми баррасии парвандаҳое, ки дар моддаи 391-и Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМГ) номбар шудаанд, дархост дар бораи иҷрои қарорҳои судҳои хориҷӣ, шикоят аз болои қарор дар бораи супоридани шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор карда шудааст ё ин ки аз ҷониби суди давлати хориҷӣ маҳкум гардидааст);

- зимни баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, агар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои дигареро муқаррар карда бошанд, ки дар қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ нагардидааст.

7. Шартномаҳои байналмилалӣ, ки меъёрҳои он аломатҳои таркиби кирдори ҷинояти мушаххасро муқаррар менамояд, наметавонанд аз ҷониби суд, судяҳо ва мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ бевосита татбиқ карда шаванд, зеро дар шартномаҳои мазкур ӯҳдадории давлат оид ба таъмини иҷрои муқаррароти ин шартномаҳо бо роҳи дар қонунгузории дохилидавлатӣ муайян кардани таркиби ҷиноятҳои мушаххас бевосита пешбинӣ шудааст. Масалан, Конвенсияи ягона оид ба воситаҳои нашъадор аз соли 1961, Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи мубориза бар зидди ғасби гаравгонгирӣ аз соли 1979, Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди гаравгонгирии ғайриқонунии киштиҳои ҳавоӣ аз 16 декабри соли 1970 ва ғайра.

Аз мазмуни муқаррароти моддаи 11 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) бармеояд, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидааст.

Бинобар ин, шартномаҳои байналмилалӣ, ки аломатҳои таркиби ҷиноятро пешбинӣ намудаанд, аз тарафи суд, судяҳо ва мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ бояд ҳамон вақт татбиқ гарданд, ки агар меъёрҳои КҶ бевосита зарурияти татбиқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намуда бошанд. Масалан, моддаи 397 КҶ (истеҳсол ё паҳн намудани яроқи қатли ом) ва моддаи 405 КҶ (дигар қонуншиканиҳои меъёри байналмилалии ҳуқуқи башар).

8. Мувофиқи талаботи қисми 4 моддаи 14 КҶ ҷавобгарии ҷиноятии намояндагони дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони дигари дорои масуният дар ҳолати аз ҷониби онҳо содир шудани ҷиноят дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла тибқи Конвенсия дар бораи имтиёз ва масунияти Созмони Миллали Муттаҳид аз 13 феврали соли 1946, Конвенсия дар бораи имтиёз ва масунияти муассисаҳои махсусгардонидашуда аз соли 1947, Конвенсияи Вена дар бораи

муносибатҳои дипломатӣ аз 19 апрели соли 1961, Конвенсияи Вена дар бораи муносибатҳои консулӣ аз 24 апрели соли 1963 ва дигарҳо ҳал карда мешавад.

Ба доираи шахсони дорои масуният сардорони намояндагии дипломатӣ, аъзоёни намояндагӣ, ки дараҷаи мартабаи дипломатӣ доранд, аъзоёни оилаҳои онҳо, ки агар шаҳрвандони давлати ҳузурдошта набошанд дохил мешаванд. Ба доираи шахсони дигари дорои масуният бошад, аз ҷумла, сарварони давлат, ҳукумат, роҳбарони идораҳои корҳои сиёсати хориҷии давлат, аъзоёни ҳайати шахсии намояндагии давлатӣ, ки хизматрасонии маъмурӣ-техникии намояндагиро ба амал мебароранд, аъзоёни оилаҳои онҳо, ки якҷоя бо шахсони мазкур зиндагӣ мекунанд, агар онҳо шаҳрванди давлате, ки дар он ҷо ҳузур доранд, набошанд ё муқимӣ дар он ҷо зиндагӣ накунанд ва дигар шахсоне, ки дорои масуният мебошанд тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

9. Мавриди ба амал баровардани адолати судӣ суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи мазмуни моддаҳои 351-352 ва 376 КМГ, моддаҳои 372,376 ва 412 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) аз тарафи суд нодуруст татбиқ кардани меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси бекор кардан ё тағйир додани санадҳои судӣ мегардад.

Татбиқи нодурусти меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки агар суд меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки бояд татбиқ гардад, татбиқ накарда бошад, ё меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро татбиқ намуда бошад, ки набояд татбиқ гардад ё суд меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро нодуруст маънидод карда бошад.

10. Ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки моддаи 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 муқаррар намудааст, ки ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад.

Тибқи моддаи 10 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳар як инсон барои муайян намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳояш ва муқаррар кардани асоснокии айбномаи ҷиноятие, ки ба ӯ эълон карда шудааст, ба таври баробарии комил ҳуқуқ дорад, ки парвандаи ӯ ошкоро ва бо риояи ҳамаи талаботҳои адолат аз тарафи суди мустақил ва беғараз баррасӣ шавад.

Мувофиқи талаботи қисми 2 моддаи 14 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 ҳар каси ба содир намудани ҷиноят айбдоршаванда ҳақ дорад, то вақте ки гунаҳгории ӯ мувофиқи қонун исбот нашавад, бегуноҳ дониста шавад.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 14 Паймони дар боло зикргардида ҳар кас ҳангоми баррасии ҳамагуна айбдории ҷиноятии ба ӯ эълоншуда дар асоси баробарии пурра ба кафолатҳои зерин ҳақ дорад:

а) ба таври таъҷилӣ ва муфассал дар бораи хислат ва асоси айбе, ки ба ӯ эълон карда мешавад, ба забони барои ӯ фаҳмо хабардор карда шавад;

б) барои омодагӣ ба ҳимояи худ вақт ва имконияти кофӣ дошта бошад ва бо ҳимоятгари интихобнамудаи худ вохӯрад;

в) бидуни ба таъхир андохтани муҳлат бе узри маъқул суд карда шавад;

г) дар ҳузури худи ӯ суд карда шавад ва худро шахсан ё тавассути ҳимоятгари интихобкардаи худаш ҳимоя кунад; агар ӯ ҳимоятгар надошта бошад, дар бораи ин ҳуқуқ хабардор карда шавад ва дар ҳар ҳолат, вақте ки манфиатҳои адолат инро тақозо намояд, ҳимоятгари барои ӯ таъиншударо дошта бошад, ҳангоме ки ӯ маблағи кофии пардохти музди чунин ҳимоятгарро надошта бошад, дар чунин ҳолат бепул бо ҳимоятгар таъмин карда шавад;

д) шоҳидонеро, ки бар зидди ӯ баёнот медиҳанд, пурсиш намояд ё ҳақ дошта бошад, ки ин шоҳидон пурсида шаванд ва ба даъват кардан ва пурсидани шоҳидони худ бо ҳамон шароите, ки барои шоҳидони бар зидди ӯ баёнотдиҳанда мавҷуданд, ҳақ дошта бошад;

е) агар ӯ забонеро, ки дар суд истифода мешавад, нафаҳмад ё бо ин забон ҳарф назанад, бепул аз кӯмаки тарҷумон истифода намояд;

ё) ба додани баёнот бар зидди худ ё гунаҳгор донистани худ маҷбур карда нашавад.

11. Ҳангоми баррасии масъала ҷиҳати ба ҳабс гирифтан ё дар ҳабс нигоҳ доштан суд, судяҳо, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи талаботи моддаи 9-и Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ҳар як инсон ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. Ҳеҷ кас наметавонад худсарона ба ҳабс гирифта шавад ё дар ҳабс нигоҳ дошта шавад. Ҳеҷ кас набояд аз озодӣ, ғайр аз асосҳо ва мутобиқи расмиёте, ки тавассути қонун муқаррар карда шудаанд, маҳрум карда шавад. Ба ҳар шахси ҳабсшуда ҳангоми ба ҳабс гирифтан сабабҳои ҳабси ӯ хабар дода мешавад ва таъҷилан оиди ҳар айбе, ки ба ӯ эълон карда мешавад, хабар дода мешавад. Ҳар як шахси бо гуноҳи ҷинояткорӣ ҳабсшуда ё боздоштгарди да ба таври таъҷилӣ ба назди судя барои дар мӯҳлати қобили қабул анҷом додани баррасии судӣ ё озод шудан ҳуқуқ дорад, ҳозир карда мешавад. Дар ҳабс нигоҳ доштани шахсоне, ки интизори баррасии судӣ мебошанд, набояд қоидаи умумӣ бошад, аммо озод кардан метавонад аз пешниҳоди кафолати ҳозир шудан ба суд, ҳозир шудан ба мурофиаи судӣ дар ҳар марҳилаи дигари он ва дар сурати зарурат, ҳозир шудан барои иҷрои ҳукм вобаста бошад. Ҳар касе, ки дар натиҷаи ба ҳабс гирифтан ё дар ҳабс нигоҳ доштан аз озодӣ маҳрум карда шудааст, ҳақ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯ аз тарафи суд баррасӣ карда шавад ва ин суд тавонад, дар бобати қонунӣ будани дастгиршавии ӯ бетаъхир қарор барорад ва агар дастгир шудани ӯ ғайриқонунӣ бошад, дар бораи озод намудани ӯ қарор қабул кунад. Ҳар касе, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтан ё дар ҳабс нигоҳ доштан зарар дидааст, ба ҷуброне, ки дорои эътибори даъво мебошад, ҳақ дорад.

12. Бояд дар назар дошт, ки маънидодкунии шартномаҳои байналмилалӣ тибқи муқаррароти моддаҳои 31-33 Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ соли 1969 ба амал бароварда мешавад.

13. Суд, судяҳо ҳангоми қабули ариза ва баррасии даъвоҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии давлатҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо шартномаҳо оид ба расонидании ёрии ҳуқуқӣ бастааст, бояд ба инобат гиранд, ки мутобиқи шартҳои шартномаҳо ин шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқҳои шахсӣ ва молу мулкиашон баробари шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда, метавонанд бо тартиб ва шартҳое, ки барои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, озодона ва бемамоният ба судҳо муроҷиат намоянд. Қобилияти амалкунии ин шаҳрвандон мувофиқи шартҳои шартномаҳо аз рӯи қонунгузории давлате, ки шаҳрвандони он мебошанд, муайян карда мешавад.

14. Дар ҳолатҳои зарурӣ суд, судяҳо метавонанд ба судҳои давлатҳои хориҷӣ, ки бо онҳо шартнома дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ баста шудааст, ҷиҳати анҷом додани амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ бо парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ бо супориши судӣ (супоридани хабарнома ва дигар ҳуҷҷатҳо, гирифтани баёноти тарафҳо, нишондоди шоҳидон, хулосаи коршиносони судӣ, азназаргузаронӣ дар маҳал ва ғайра) муроҷиат кунанд.

Тартиби таҳия ва фиристодани супориш оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, инчунин иҷрои супоришҳои муассисаҳои адлияи давлатҳои хориҷӣ ба воситаи Шӯрои адлия ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

15. Мутобиқи талаботи моддаи 398 КМГ ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ доир ба парвандаҳои гражданӣ, ба истисноси парвандаҳо оид ба баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳои вобаста ба иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар фаъолияти иқтисодӣ, ҳукмҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар қисми ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи ҷиноят расонида шудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва иҷро карда мешаванд, агар ин дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешбинӣ гардида, барои иҷрои маҷбурӣ дар давоми се соли эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суди давлати хориҷӣ пешниҳод карда шуда бошад.

16. Ба шӯъба оид ба муносибатҳои байналмилалии Суди Олӣ ва бахши робитаҳои байналмилалӣ ва мураттабсозии санадҳои меъёрҳои ҳуқуқии Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки мунтазам судҳоро бо тарҷумаи расмии нусхаи ҳуҷҷатҳо доир ба таҷрибаи Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон, махсусан бо қарорҳое, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, инчунин бо матни расмии санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд.

17. Ба Маркази таълимии судяҳо дар назди Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки ҳангоми омода сохтани барномаҳои таълимӣ, бозомӯзии судяҳо, коромӯз-судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ба масъалаи омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, диққати махсус дода шавад.

Ҳамзамон, ҷиҳати таъмини мунтазами судяҳо бо мавод аз сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла, тафсирҳо, монографияҳо ва дигар адабиётҳои таълимию методӣ ва илмӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

18. Коллегияи ҳарбӣ, коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои граждадӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанбе вазифадор карда шаванд, ки мунтазам таҷрибаи судии татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ҷамъбаст намуда, пешниҳод ва дастурҳои худро ҷиҳати дуруст татбиқ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба судҳои ҷумҳурӣ ирсол намоянд.

19. Ба суд, судяҳо зарур аст, ки ҳангоми баррасии парвандаи мушаххас ва муайян кардани вайронкунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъиноти хусусӣ қабул намуда, онро ба ташкилот ва шахсони мансабдори дахлдор оид ба андешидани чораҳои зарурӣ ирсол намоянд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н. Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Саидов**